«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро

_____ К. Гулмуродзода

Протоколи №3
ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои
истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз 22 сентябри соли 2023 Шаҳри Душанбе

Раисикунанда, Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ТШСИ) - Гулмуродзода К. Г.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯро), намояндагони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, Кумита давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология, кормандони Котиботи ТШСИ, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Раванди татбиқи тадбирҳои Нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023
2. Натиҷаи сафари таҷрибаомузӣ ба Арманистон
3. Баррасии таклифу пешниҳодҳои Котиботи байналмилалии ТШСИ оид ба Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ барои солҳои 2019-2021
4. Масъалаҳои ҷорӣ

Ҷаласаро Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода К. Г. (минбаъд – Раиси Шӯро) оғоз карда, ҳозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзнома ва мақсади баргузории ҷаласа шинос намуд.

Қайд карда шуд, ки ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ» Шӯро ҷаласаҳои худро мунтазам баргузор менамояд.

Бо амалӣ гардидани Нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023 як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд, ки дар натиҷаи он мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ТШСИ барқарор гардид.

Бо назардошти ин оид ба масъалаи якуми рӯзнома ҷиҳати пешниҳод намудани ахборот оид ба раванди татбиқи тадбирҳои Нақшаи кории Ташаббуси

шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023 сухан ба коршиноси ТШСИ – Нигматов Ҷ. дода шуд.

Нигматов Ҷ. дар баромади худ қайд кард, ки Нақшаи кории ТШСИ дар Тоҷикистон аз ҷониби Шӯро 30 декабри соли 2022 маъқул дониста шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2023 пешниҳод шудааст.

Нақшаи кории мазкур аз 19 банд иборат буда, ҳадафҳои афзалиятноки миллӣ, мушкилоте, ки бо идоракунии бахши истихроҷ алоқаманд аст, вазифаҳо, амалҳо, индикаторҳои натиҷаи чашмдошт, муҳлат, иҷрокунандагони махсус ва ғайраро дар бар мегирад, иҷроиши онҳо марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодаанд.

Дар ин замина, се маротиба ҷаласаи Шӯро (30 декабри соли 2022, 17 марти соли 2023 ва 26 майи соли 2023) баргузор гардида, дар он як қатор қарорҳо барои татбиқи ТШСИ дар Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Ҳамзамон, Нигматов Ҷ. оид ба таҳия ва тибқи тартиби муқаррагардида ба нашр расонида шудани Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019-2021, баргузории семинару вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳо дар самти татбиқи ТШСИ иттилоъ дод.

Қайд карда шуд, ки баҳри амалӣ намудани талаботи 7.1-и Стандарти ТШСИ баргузор намудани чорабинии дахлдор вобаста ба асосҳои шаффофият дар тартиби ҳисоботдиҳии давлатӣ ва корпоративӣ, Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019-2021 ва дигар корҳои анҷомдодашуда оид ба ТШСИ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, ширкатҳои истихроҷкунанда, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шахсони манфиатдор мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад.

Оид ба масъалаи дуюми рӯзнома муовини сардори сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти Вазорати молия, Ҳамоҳангсози миллии ТШСИ Тоҷикистон - Яздонзода И. Ҳ., баромад намуда, гузоришро аз натиҷаи сафари таҷрибаомузӣ ба Арманистон манзур намуд.

Қайд карда шуд, ки сафари таҷрибаомӯзӣ ба Арманистон тибқи тартиби муқарраргардида дар доираи лоиҳаи «Беҳтар намудани шаффофияти фискалӣ ва Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Тоҷикистон» барои аъзои Шӯро ва Котиботи ТШСИ дар Тоҷикистон санаи 17-20 июли соли 2023 баргузор гардид.

Дар раванди сафар, вохӯрӣ бо Муовини Вазири маъмурияти ҳудудӣ ва инфрасохтори Ҷумҳурии Арманистон - Ованес Арутюнян, бо намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба ҳайати ТШСИ-и Арманистон медароянд, инчунин ширкати истихроҷкунандаи бузурги Арманистон - ҶСП «Комбинати мис-молибдени Зангезур» баргузор гардид.

Муайян гардид, ки дар Арманистон раванди пайвастан ба ТШСИ дар соли 2015 оғоз гардида, соли 2016 қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Арманистон қабул шудааст. Ҳайати Шӯрои ТШСИ дар Арманистон аз понздаҳ аъзо, аз ҷумла: шаш нафар намояндагони Ҳукумати Арманистон (дар сатҳи муовинони вазир), чор нафар намояндагони корхонаҳои истихроҷкунанда ва панҷ нафар намояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат аст. Раиси Шӯрои ТШСИ-и Арманистон муовини Сарвазири Арманистон мебошад.

Аз замони ҳамроҳ шудан ба ТШСИ Арманистон 4 ҳисоботи миллӣ омода кардааст, ки он фарогирӣ маълумотҳои 28 ширкат мебошад. Дар ин муддат дар

кишвари мазкур ду маротиба баҳодиҳӣ (валидатсия) гузаронида шуда, дар натиҷаи баҳодиҳӣ (валидатсия)-и аввалин аз ҷониби Раёсати байналмилалии ТШСИ ба Арманистон баҳои баланд дода шудааст.

Баҳодиҳӣ (валидатсия)-и дуввум барои арзёбии Ҳисоботи чорум барои солҳои 2020-2022 моҳи июли соли 2023 баргузор гардида, Арманистон айни замон мунтазири қарори Раёсати байналмилалии ТШСИ, ки дар моҳи ноябри соли 2023 қабул мегардад, мебошад.

Зикр карда шуд, ки кормандони Котиботи ТШСИ Арманистон ба ҳайати Дастгоҳи Сарвазири кишвари мазкур шомил буда, фаъолияти он аз ҳисоби буҷети кишвар маблағгузорӣ мешавад.

Оид ба масъалаи сеюми рӯзнома намояндаи ҶДММ «ECOVIS» - Сайдвализода Ф. баромад намуда, қайд кард, ки тибқи тартиби муқарраргардида Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019-2021 таҳия гардида, дар асоси қарори Шӯро аз 26 майи соли 2023 он ба Котиботи байналмилалии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ пешниҳод карда шуд.

Дар ин асос Котиботи байналмилалии ТШСИ таклифҳои худро нисбат ба Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019-2021 манзур намуд, ки тибқи он Ҳисоботи мазкур такмил дода шуда, ба ҳайати Шуро пешниҳод карда мешавад.

Сайдвализода Ф. иттилоъ дод, ки эзоҳоти Котиботи байналмилалии ТШСИ ба чор қисм тақсим мешаванд, аз ҷумла оид ба талаботи 2.2 «бастани шартномаҳо ва додани иҷозатномаҳо», 2.4 «шартномаҳо», 2.5 «молик - бенефитсиар» ва 2.6 «иштироки давлат». Ҳамзамон тибқи хулосаи манзургардида талаботи навбатии ТШСИ дар бар гирифта нашуданд, аз ҷумла 3.1 «иктишоф», 5.1 «тақсимоти даромад аз соҳаҳои истихроҷ» ва 5.3 «идоракунии даромад ва хароҷот».

Илова бар ин, тавсияҳои умумӣ оид ба Ҳисоботи мазкур таҳлили нишондиҳандаҳои асосӣ (истихроҷ, содирот, шуғл ва ғайра), иқтибос ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар фаслҳои 1.2, 2.1 ва 2.2, инчунин ҷадвали ба Ҳисоботи ТШСИ замимагардидаро дар бар гирифтааст.

Намояндаи ҶДММ «ECOVIS» қайд кард, ки Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019-2021 бо назардошти эзоҳоти Котиботи байналмилалии ТШСИ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил дода шуда, ба ҳайати Шӯро пешниҳод карда мешавад.

Рочеъ ба масъалаи чоруми рӯзнома намояндаи Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқшиносон» - Ҷумаев У. баромад намуда, аз натиҷаи арзёбии дараҷаи ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кори Шӯрои ТШСИ дар Тоҷикистон маълумотро ба ҳайати Шӯро пешниҳод кард.

Қайд гардид, ки ҳангоми тадқиқот дастурҳои асосӣ барои арзёбии платформаҳои иштирок Ташаббуси глобалии шаффофияти молиявӣ (GIFT) ва Роҳнамои Ассотсиатсияи Байналмилалии Иштироки Ҷамъият (IAP2) оид ба арзишҳо, этика ва спектри иштироки ҷомеа ба роҳбарӣ гирифта шуд.

Тадқиқот аз рӯи 20 индикатор гузаронида шуд. Аз ҷумла қисми 1: муаррифӣ ва мавҷудияти заминаи ҳуқуқӣ - 4 индикатор, қисми 2: мавҷудияти шароит барои ҷалб ва иштирок - 7 индикатор, қисми 3: ҷалбшавӣ - 2 индикатор, қисми 4:

фаъолнокӣ/фаъолият - 2 индикатор ва қисми 5: натиҷа/расидан ба интизориҳо - 4 индикатор.

Сарчашмаи маълумот барои гузаронидани тадқиқот аз ҷониби тадқиқодчии мустақил сомонаҳои расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «www.moliya.tj» ва ТШСИ дар Тоҷикистон «www.pbo.eiti.tj», инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд.

Дар натиҷа маълум гардид, ки аз рӯи холҳои индикаторҳои қайдгардида дар маҷмӯъ дараҷаи ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кори Шӯрои ТШСИ дар Тоҷикистон назаррас мебошад, қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

Дар баробари ин бо мақсади бештар кардани ҷалб ва иштироки ташкилоти ҷомеаи шаҳрванӣ тавсия дода шуд, ки регламенти Шӯрои ТШСИ таҳия ва қабул карда шавад, иттилоот оид ба салоҳияти мушаххаси ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Шӯрои ТШСИ дар Тоҷикистон нашр карда шавад, дастрасии рӯзномаи ҷаласаҳои Шӯрои ТШСИ ба тарафҳои манфиатдор беҳтар карда шавад, ташкилотҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба ҷаласаҳои Шӯрои ТШСИ дар Тоҷикистон даъват карда шавад ва ғайра.

Дар раванди баррасии ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа намояндагони Коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шаффофият барои рушд» - Мусаева Р. ва Азизова Т., вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо - Юнусов И. саноат ва технологияҳои нав - Юсуфов А., ширкатҳои истихроҷкунанда - Кирилова Т. и Насимов С. ва дигарон фаъолона баромад намуда, нисбат ба масъалаҳои матраҳшаванда фикру андешаҳо ва пешниҳодҳои хуро қайд карданд.

Дар натиҷаи баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа Шӯро қарорҳои зеринро қабул кард:

1. Гузориши коршиноси ТШСИ Тоҷикистон - Нигматов Ҷ. оид ба раванди татбиқи тадбирҳои Нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023 ба инобат гирифта шавад.

2. Гузориши муовини сардори сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти Вазорати молия, Ҳамоҳангсози миллии ТШСИ Тоҷикистон - Яздонзода И. Ҳ. аз натиҷаи сафари таҷрибаомузӣ ба Арманистон ба инобат гирифта шавад.

3. Аз ҷониби Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ барои солҳои 2019-2021:

- тибқи тартиби муқарраргардида такмил ва ба Котиботи байналмилалии ТШСИ пешниҳод карда шавад;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар сомонаҳои расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «www.moliya.tj» ва ТШСИ дар Тоҷикистон «www.pbo.eiti.tj» ҷойгир карда шавад.

4. То охири моҳи сентябри соли ҷорӣ чорабинии дахлдор дар шакли конфронс ё мизи мудаввар оид ба асосҳои шаффофият дар тартиби ҳисоботдиҳии давлатӣ ва корпоративӣ, Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019-2021 ва дигар корҳои анҷомдодашуда оид ба ТШСИ бо иштироки

намояндагони вазорату идораҳо, ширкатҳои истихроҷкунанда, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шахсони манфиатдор баргузор карда шавад.

5. Натиҷаи арзёбии дараҷаи ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кори Шӯрои ТШСИ дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби намояндаи Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқушиносон» - Ҷумаев У. гузаронида шудааст, ба инобат гирифта шавад.

6. Ба Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқушиносон» тавсия дода шавад, ки таклифҳои худро оид ба такмили низомномаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷаласаҳои навбатии Шӯро тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод намояд.

Котиби ҷаласаи Шӯро,
муовини сардори сарраёсати сиёсати
буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ҳамоҳангсози миллии ТШСИ дар Тоҷикистон И. Яздонзода